# 11141 - Қазои рӯзаи Рамазон ба сабаби таваллуд

## савол

Қазои рӯзаҳоямро чӣ гуна адо намоям? Чун ман дар моҳи Рамазон таваллуд кардам. Пеш аз рӯза ман чӣ гуна бояд ният кунам?

## Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Агар мусулмон бо узри шаръӣ дар Рамазон рӯза нагирад, пас аз бартараф шудани узр бояд қазои онро анҷом бидиҳад. Ӯ бояд барои зудтар анҷом додани ин кор шитоб кунад.
Аллоҳ таъоло фармудааст:

فَمَن كَانَ مَرِيضًا أَوْ عَلَىٰ سَفَرٍ فَعِدَّةٌ مِّنْ أَيَّامٍ أُخَرَ

سورة البقرة: ١٨٤

**«Пас ҳар кас бемор ва ё дар сафар бошад, бояд ба теъдоди рӯзҳои фавтшуда дар рӯзҳои дигар рӯза бидорад».** (Сураи Бақара: 184).

Нияти рӯза бояд дар шаб (пеш аз субҳ) анҷом дода шавад. Маҳалли ният қалб аст ва ин маънои онро дорад, ки он амалро бихоҳад ва ба анҷом додани он азм намояд. Дар ин сурат, ният амалӣ мегардад. Бо забон чизе гуфтан лозим нест, балки ният танҳо бо қалб аст. Бояд бо амали худ рӯи Аллоҳ таъолоро бихоҳад, то амал холис бошад.
Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) мефармояд:
**«Ҳаройина амалҳо ба ниятҳо вобастагӣ доранд».**